Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

5 ноябри соли 2003. Чоршанбе № 85 (12928)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.00 имзо гардид.







## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 3 ноябр дар қароргоҳи Оқсарой вазири корҳои хориҷии Украина Константин Гришченкоро пазируфт.

Мо ба муносибатҳои байни Ӯзбекистону Украина ба сифати яке аз самтҳои бартариноки сиёсати беруниамон нигоҳ мекунем,— гуфт дар мулоқот Ислом Каримов.— Ҳамкории самарабахши байни мамлакатҳоямон, ки дар тамоми соҳаҳо ба роҳ монда шудааст, ояндаи бузург дорад.

Ба муносибатҳои Ӯзбекистону Украина, ки дар асоси тамоюлҳои шарикии стратегӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҷониби ҳар ду мамлакат баҳои баланд дода мешавад. Аз соли 1992 то инҷониб дар байни ду давлат нӯҳ маротиба ба дараҷаи олӣ ба амал бароварда шудани ташриф ва ба имзо расонда шудани зиёда аз саду сӣ созишнома дар асоси дӯстии анъанавӣ, манфиатдории тарафайн, эътимоду эҳтиром ривоҷ ёфтани равобити ҳамаҷонибаро исбот мекунад.

Моҳи марти соли 1997 оид ба масъалаи ташкил кардани комиссияи муштараки байниҳукуматии ривоҷи ҳамкории ҳамаҷонибаи байни Ӯзбекистон ва Украина аҳду паймон шуда ва дар ин хусус протокол ба имзо расида буд. Комиссия мунтазам маҷлис гузаронда, муаммоҳои муҳимро баррасӣ менамояд. Дар маҷлиси панҷуми моҳи январи соли ҷорӣ ба амал омада масъалаҳои ривоҷи ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетикаи сӯзишворӣ, нақлиёт, илму техника, таълим, сайёҳӣ ва фарҳанг баррасӣ шуданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар айни замон дар соҳаҳои мазкур миқёси алоқаҳо торафт васеъ мегарданд.

Инчунин муносибатҳои савдою иқтисодӣ бо муваффақият ривоҷ меёбанд. Аз рӯи натиҷаҳои ҳашт моҳи соли ҷорӣ байни мамлакатҳоямон ҳаҷми савдо аз 238 миллион доллари ИМА гузашт. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта сӣ фоиз зиёд аст.

Ӯзбекистон ва Украина дар доираи ташкилотҳои байналхалқӣ ба таври доимӣ маслиҳатҳо мегузаронанд. Мамлакатҳо оид ба масъалаҳои ислоҳсозии Шӯрои амнияти СММ ва ба сохти замонавии амнияти байналхалқӣ мувофиқат кардани вай ҳамфикранд.

Украина сиёсати Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримовро, ки ба таҳкими сулҳу устуворӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронда шудааст, ҷонибдорӣ менамояд.

Дар рафти мулоқот дар қароргоҳи Оқсарой оид ба муносибатҳои Ӯзбекистону Украина, инчунин оид ба масъалаҳое, ки ба ҳамкории мамлакатҳоямон дар доираи сохторҳои байналхалқию минтақавӣ, вазъияти имрӯзаи минтақа ва арсаи байналхалқӣ алоқаманданд, мубодилаи афкор намуданд.

**Суратгир: Дилшод ЮСУПОВ. (ӮзА).**

Ӯзбекистон ба қатори давлатҳое, ки бо ИМА ҳамкории стратегӣ барқарор намудаанд, медарояд. Чӣ хеле, ки маълум аст, баъд аз воқеаҳои 11 сентябр таҳти роҳбарии ИМА коалитсияи байналхалқии мубориза оид ба барҳам додани қӯраи терроризм дар Афғонистон созмон ёфта буд. Аз ҳамон лаҳза ҳамкории байни Ӯзбекистон ва ИМА ба қуллаи нави ривоҷ баромад. Ӯзбекистон, ки амалиётҳои террористиро аз сар гузарондааст, яке аз аввалинҳо шуда, коалитсияи байналхалқиро боқатъият ҷонибдорӣ намуд. Ҳамкорӣ, муштарак будани мақсадҳо ба он мусоидат намуд, ки Ӯзбекистон ва ИМА шарикони стратегӣ, ба дараҷаи сифатан нави муносибатҳои тарафайн муваффақ шуданд. Ба мамлакатамон ташриф овардани сиёсатшиноси бонуфуз Збигнев Бжезинский исботи равшани ин мебошад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 3 ноябр консултанти Маркази тадқиқотҳои стратегӣ ва байналхалқии ИМА, собиқ мушовири президенти ИМА оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ З.Бжезинскийро пазируфт.

— Мо шуморо ҳамчун арбоби ҷамъиятию сиёсии бонуфузи ҷаҳон медонем,— гуфт Ислом Каримов меҳмонро хайрамақдам намуда.— Ин мулоқот имконият медиҳад, ки бори дигар аз нуқтаи назари илмӣ ва сиёсӣ як қатор масъалаҳое, ки ба муносибатҳои Ӯзбекистону Амрико алоқаманданд, муҳокима намоем.

З.Бжезинский дар соли 1928 дар Варшава ба дунё омада, баъдтар шаҳрвандии ИМА-ро мегирад. Арбобест, ки дар олами сиёсат обрӯву эътибори калон дорад. Ба тадқиқотҳо ва мақолаҳои таҳлилии вай на танҳо мутахассисон-сиёсатшиносон, балки арбобони давлатӣ мароқи калон зоҳир мекунанд. Вай аксар тадқиқотҳояшро ба стратегияи сиёсати берунии ИМА ва таҳлили сохти собиқи Шӯро бахшидааст. Дар солҳои 1977-1981 мушовир оид ба масъалаҳои амнияти миллии президенти ИМА Ҷимми Картер буд.

З.Бжезинский ҳоло ҳам бо таҳлили вазъияти сиёсии минтақаҳои мухталифи ҷаҳон шуғл меварзад, аз ин рӯ роҳбарони ИМА ба фикру мулоҳизаҳои ӯ дар бораи сиёсати берунӣ баҳои баланд медиҳанд.

Яке аз аввалинҳо шуда вай аҳамияти стратегии Ӯзбекистонро барои манфиатҳои ИМА аз ҷиҳати консептуалӣ асоснок намуд.

Ташрифи ин зумра арбоби ҷамъиятию сиёсӣ, мулоқоти ӯ бо сарвари Ӯзбекистон воқеаи бузург аст. Ин эътирофи ба худ хоси он факте мебошад, ки ислоҳоти сиёсию иқтисодии таҳти сарварии Президент Ислом Каримов зина ба зина гузаронда шудаистода, сиёсати берунию дохилии вай дар маркази диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар вай Ӯзбекистон бешубҳа ҷои муносиби худро меёбад, меистад.

Дар рафти мулоқот дар қароргоҳи Оқсарой масъалаҳои боз ҳам ривоҷ додани алоқаҳои байни Ӯзбекистон ва ИМА, инчунин таҳкими сулҳ ва амният дар минтақа, муборизa бо терроризми байналхалқӣ баррасӣ шуданд.

**(ӮзА).**

## Эътиборнома супурда шуд

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ Т.Рисқиев эътиборномаи худро ба Улёҳазрат Маликаи Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ Елезаветаи II супурд.

Дар сӯҳбате, ки пас аз ин маросим ба амал омад, Улёҳазрат ба муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Бртанияи Кабир таваҷҷӯҳ намуда, ҳамкориҳои тарафайнро дар соҳаҳои таълим, фарҳанг, илм ва тиббиёт муфид арзёбӣ намуд.

**ОИ «Ҷаҳон».**

## Дар Олий Маҷлис

Вазири корҳои хориҷии Украина Константин Гришченко, ки бо боздиди расмӣ ба мамлакатамон ташриф овардааст, 3 ноябр бо Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эркин Халилов вохӯрд.

Дар мулоқот қайд шуд, ки дар байни ду мамлакат дар тамоми соҳаҳо алоқаҳо мунтазам ривоҷ меёбанд. Ҷонибҳо дар бораи минбаъда ба роҳ мондани муносибатҳои байни мақомоти олии қонунгузории Ӯзбекистон ва Украина мубодилаи афкор намуданд.

Худи ҳамон рӯз меҳмони украинагӣ бо Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ӯткир Султонов вохӯрда, масъалаҳои боз ҳам фаъол гардондани алоқаҳои дуҷонибаи савдою иқтисодиро муҳокима намуданд.

## Барномаи ҳамкорӣ қабул шуд

Вазири корҳои хориҷии Украина Константин Гришченко 1—3 ноябр бо боздиди расмӣ ба мамлакатамон ташриф овард.

Дар Хонаи пазироии Вазорати корҳои хориҷӣ мулоқоти роҳбарони идораҳои сиёсати хориҷии ду мамлакат ба амал омад. Содиқ Сафоев ва Константин Гришченко оид ба масъалаҳои муносибатҳои тарафайни Ӯзбекистону Украина, ки шарикони стратегӣ мебошанд, як қатор муаммоҳои байналхалқӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар хотимаи мулоқот Барномаи ҳамкории байни вазоратҳои корҳои хориҷии Ӯзбекистон ва Украина ба имзо расид. Меҳмон шаҳрҳои Бухорою Самарқандро зиёрат кард. Ба пояи ёдгории «Модари мотамзада» ва ҳайкали шоири маъруфи Украина Тарас Шевченко гул гузошт.

**(ӮзА).**

Дар Олий Маҷлис

## Омодагии саривақтӣ

***31 октябри соли равон дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон семинар-маҷлиси ҷумҳурӣ доир ба омодагии маъракаи интихобот дар органҳои худидоракунии шаҳрвандон, ки Кенгаши Олий Маҷлис ба моҳҳои ноябр-декабр пешбинӣ намудааст, баргузор гардид.***

Он рӯз дар маҷлисгоҳи Олий Маҷлис намояндагони Ҷоқарғи Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, ноҳияҳо, раисони ҷамоаҳои деҳоту қишлоқҳо, депутатҳои Олий Маҷлис, ходимони масъули дастгоҳи Президент ва Девони Вазирон, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ ҷамъ омада буданд.

Садри маҷлис, раиси комитети Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эркин Воҳидов семинар-маҷлисро ҳусни ифтитоҳ бахшида, ба раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эркин Халилов сухан дод. Нотиқ дар маърӯзаи худ вазифаҳои дар пеш истодаи органҳои худидоракунии шаҳрвандонро ба муносибати дар амал татбиқ намудани барномаи стратегии тараққиёти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар ибтидои асри XXI, ки онро Президенти кишвар Ислом Каримов пешниҳод намудааст, батафсил қайд намуда либерализатсияи минбаъдаи сиёсӣ ва иқтисодиро дар ҳаёти ҷомеа махсусан таъкид намуд. Нотиқ ҳамчунин хотиррасон намуд, ки бо пешрафти иқтисодиёт, маънавият ва дигар ҷанбаъҳои ҳаёти ҷомеа вазъи некӯаҳволии халқ низ беҳтар мешавад, устувории қонун таъмин мегардад, ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, оилаҳо чун дар мамлакати озоди демократӣ, ки асоси онро иқтисоди бозорӣ ташкил мекунад, пеш меравад. Ҳар қадаре, ки шуури сиёсии аҳолии мамлакат баланд бошад, фаъолияти онҳо дар ҷомеа беҳтар мешавад. Аз ин ваҷҳ, давлат ҳам як қатор вазифҳои худро ба сохторҳои ғайридавлатӣ, органҳои худидоракунии шаҳрвандон вомегузорад. Бо ҳамин роҳ демократиконии ҷомеа вусъат меёбад.

Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Эркин Халилов махсусан хотирнишон кард, ки интихоботи дар пеш истода барои органҳои худидоракунии шаҳрвандон бояд дар асосҳои куллан демократӣ, мувофиқ ба қонунгузории мавҷуда ташкил ва гузаронда шавад. Ба органҳои ҳокимияти давлатӣ дар ҷойҳо лозим аст, ки шароитҳои мусоид фароҳам оваранд. То ки онҳо тавонанд хоҳишу иродаи худро ба таври озод ба ҳаёт татбиқ намоянд. Яъне, ҳуқуқи конститутсионии худро оиди интихоби мустақилона дар амал нишон диҳанд. Барои ташкили маъракаи интихобот аз нигоҳи мафкуравӣ иттиҳодияҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, вакилони халқ, матбуот бояд фаъолона саҳм гиранд.

Маърӯзаи ҷонишини нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Дилбар Ғуломова инчунин қобили эътибор ва таваҷҷӯҳи ҳозирон гардид. Ӯ ба масъалаҳои ҳимояи давлатии органҳои худидоракунии шаҳрвандон, вусъат ёфтани ваколатҳои онҳо, саҳми занон дар ҳаёти кишвар ва дар маъракаи интихоботи ҳозира дар органҳои худидоракунии шаҳрвандон сухан ронд.

Раиси комитети оид ба институтҳои демократӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва органҳои худидоракунии шаҳрвандони Олий Маҷлис А.Саидов дар баромади худ ҷиҳатҳои ҳуқуқии интихоботи раисони маҳалла (оқсақолҳо) ва маслиҳатчиёни онҳоро шарҳу эзоҳ дод. Доир ба масъалаҳои таъмини корҳои ташкилии маъракаи интихобот ва дар бораи кӯмак ҷиҳати интихоби кадрҳо ба органҳои худидоракунии шаҳрвандон инспектори дастгоҳи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ё.Муҳаммедов сухан ронд. Дар бобати мавқеъ ва роли воситаҳои ахбори омма раиси комитети Олий Маҷлис оид ба матбуот ва ахборот Ӯткур Хошимов баромад кард.

Баромади ҷонишини якуми раиси бунёди ҳимояи иҷтимоии собиқадорони Ӯзбекистон— «Нуронӣ» Ш.Усмонов, раиси Шӯрои ҷунбиши иҷтимоии ҷавонони Ӯзбекистон— «Камолот» Б.Убайдуллоев, раиси идораи бунёди ҷумҳуриявии хайрия—«Маҳалла» А.Гадойбоев, раиси комитети доир ба корҳои дини Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ш.Мунавваров, ҷонишини вазири корҳои дохилӣ А.Усмонов, сардори Маркази «Маънавият ва маърифат»-и кишвар Қ.Аъзамов ба ҳозирон таассуроти фаромӯшнопазир гузоштанд. Онҳо дар баромадҳои худ ҳар кадом ба алоҳидагӣ изҳори ақида доштанд, ки гузарондани интихобот дар органҳои худидоракунии шаҳрвандон бояд дар савияи баланди сиёсӣ ва ташкилӣ суръат гирад, дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандии ҳуқуқбунёд тадбири мазкур аҳамияти калон дорад.

Дар охир, доир ба гузарондани интихобот дар органҳои худидоракунии шаҳрвандон дар байни иштирокдорони семинар-маҷлис доир ба таҷрибаҳои якдигар мубодилаи афкор ба амал омад. Ба сухан баромадагон доир ба ободгардонии маҳалла, муттаҳид намудани аҳолии он, аҳлу тифоқии ҳамаи сокинони маҳалла сухан карда, аз як гиребон сар баровардани сокинон ва ба мӯҳтоҷон дасти ёрӣ дароз намудани органҳои худидоракуниро қобили қабул ва дар барқарор намудани маданияти қадима дорои аҳамият талқин намуданд.

**М.ОТАХОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## Сафари ҳайати Афғонистон ба поён расид

***Ҳайати Афғонистон зери сарпарастии вазири нақлиёти ин мамлакат Саид Муҳаммад Алӣ Ҷовид аз Ӯзбекистон боздид намуд.***

Мамлакати мо дар ҷараёни бозсозии пасазҷангии Афғонистон фаъолона иштирок дорад. Аз ҷумла дар ҳудуди мамлакати ҳамсоя мутахассисони Ӯзбекистон корҳои зиёди бунёдкориро дар соҳаи коммуникатсияи нақлиёт татбиқ менамоянд. Ҳамин тариқ дар муддати кӯтоҳ дар самти роҳи Мазори Шариф—Кобул нӯҳ пул сохта ба баҳрабардорӣ супурда шуд. Ҳангоми сафари ҳайати Афғонистон ба Ӯзбекистон масъалаҳое муҳокима гардиданд, ки ба сатҳи сифатан нав бардоштани ҳамкории давлатҳои мо алоқа доштанд.

Ҳайати мазкур бо муовини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Юнусов ва вазири корҳои хориҷӣ С.Сафоев гуфтугӯ дошт. Ҳамчунин бо роҳбарияти ширкатҳои миллии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари», «Ӯзбекистон темир йӯллари», Оҷонсии нақлиёти автомобил ва дарёнавардии Ӯзбекистон радду бадал ба амал омад, ки зимни он дурнамои алоқаҳои тарафайн дар соҳаҳои роҳи ҳаво, тиҷорат, нақлиёт ва коммуникатсия муҳокима гардиданд.

Ҷонибҳо дар хусуси кушодани намояндагиҳои муассисаҳои нақлиётии ду мамлакат дар шаҳрҳои Тирмиз ва Мазори Шариф сӯҳбат намуда, аз хусуси роҳи ҳавоии Тошканд—Кобул, таъмири самолётҳои Афғонистон дар Ӯзбекистон, такмили ихтисоси мутахассисони он кишвар дар мамлакати мо мубодилаи афкор карданд.

Дар поёни ташриф ёддошт дар бораи рушди ҳамкориҳо дар соҳаи коммуникатсияҳои нақлиёт дар байни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҳукумати Давлати Интиқолии Исломии Афғонистон ба имзо расид.

**ОИ «Ҷаҳон».**

## «Синхуа» дар бораи тамаддуни Ӯзбекистон

«Роҳи бузурги абрешим аз қадимулайём Ӯзбекистон ва Чинро, ки фарҳанги аз бисёр ҷиҳат ҳаммонанд доранд, мепайвандад».

— Мақолае, ки Оҷонсии иттилооти Чин—Синхуа бинобар ҷамъбасти фестивали байналхалқии фарҳанг ва саёҳат, ки ба наздикӣ дар Пекин гузашт, интишор намудааст, бо чунин суханҳо ибтидо мегирад. Мақола ба алоқаҳои мадании байни Чин ва Ӯзбекистон, ки торафт рушд мегиранд, бахшида шудааст.

Дар он иштироки вакилони Ӯзбекистон дар анҷумани номбурда рӯшан карда мешавад. Чунончи, муаллиф аз хусуси баромади гурӯҳи фолклории «Умед»-и кишвари мо сухан ронда, аз ҷумла менигорад:

«Суруду рақсҳои мардумӣ, ки мероси гузаштагонро ҳифз кардаанд, паҳлӯҳои мухталифи санъати халқҳои Осиёи Марказиро намоиш медиҳанд. Иҷрои онҳо аз ҷониби ҳунармандони ӯзбекистонӣ боиси шавқу рағбати тамошобинони чинӣ гардид».

Дар мақола ҳамчунин аз хусуси фестивали байналхалқии пайкарасозон, ки моҳи сентябри соли равон дар шаҳри Чанчун—маркази маъмурии вилояти Сзилин — Чини шимоли шарқӣ ба амал омад, нақл карда мешавад. Асари пайкаратароши ӯзбек Ҷалолиддин Миртоҷиев дар боғи пайкараҳои Чанчун, ки бузургтарин боғи Чин ба шумор меравад, мақоми доимӣ пайдо кард.

**ОИ «Ҷаҳон».**

Мусоҳиба дар мавзӯи рӯз

## Алишер АҲМАДҶОНОВ: «Аз сулҳу амният дар Афғонистон Ӯзбекистон низ манфиатдор аст»

***Алишер Аҳмадҷонов аз моҳи июли соли 2002 Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Давлати Интиқолии Исломии Афғонистон. Соли 1958 дар вилояти Фарғона таваллуд ёфтааст. Соли 1983 факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм кардааст. Аз соли 2001 то июли соли 2002 консули Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Мазори Шарифи Афғонистон буд.***

**—Сафири мӯҳтарам, нахуст назари шуморо роҷеъ ба вазъи имрӯзаи муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Афғонистон донистанӣ будем.**

—Муносибатҳои кишварҳои Ӯзбекистону Афғонистон таърихи дуру дароз дорад. Аз замонҳои қадим халқҳои ду кишвари ҳамсоя дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳанг равобити наздику дӯстонаро ба роҳ монда буданд. Метавон гуфт, ки таъриху фарҳанги мо дар тӯли қарнҳо муштарак будану ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардумони ҳар ду кишвар бо ҳам қаробати наздик дошт.

Роҷеъ ба вазъи имрӯзаи муносибати байни ду кишвар фикр баён кунем, нахуст бояд тазаккур дод, ки баъди шикасти режими ифротии Толибон дар Афғонистон равобити байни кишварҳоямон аз нав барқарор ва рӯ ба инкишоф ниҳодааст.

Таъсисёбии консулхона ва ташкили сафоратхонаҳо дар Кобул ва Тошканд барои рушди минбаъдаи муносибатҳои тарафайн такони азиме бахшид.

Дар тавсеаи равобити байнидавлатӣ аҳамияти пули Ҳайратон беандоза калон аст. Фақат дар тӯли ду соли охир тавассути ин пул беш аз як миллион тонна бори гуногун ба ҳудуди Афғонистон интиқол гардид, ки барои бозсозиву тараққии иқтисодиёти ин кишвар аҳамияти калон дорад.

Ҳоло байни кишварҳоямон равобит дар соҳаҳои савдо, нақлиёт ва интиқоли борҳои транзитӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар риштаи фарҳанг низ равобити тарафайн рӯз то рӯз инкишоф пайдо мекунад.

**—Дар ояндаи наздик дар пойдору мустаҳкамгардии муносибати байни ду кишвари ҳамсоя чӣ гуна пешомадҳо ва пешравиҳо ба назар мерасанд?**

—Имрӯз дар Афғонистон сиёсати бозсозӣ ва навсозии тамоми соҳаҳои зиндагӣ идома дорад. Ҳудуди ин кишвар имрӯзҳо як майдони бузурги сохтмонро пеши назар меорад. Чун кишвари ҳамсоя—Ӯзбекистон дар кори бозсозиву дигаргунсозии Афғонистон худро дар канор нахоҳад дид. Аз ин рӯ роҳбарияти мамлакатамон баъди сукути сохти Толибон ва оғози сиёсати бозсозӣ омодагии худро ба ҳамкорӣ дар сафи аввалинҳо баён намуд.

Тавре ки дар боло зикр намудем, равобити байни кишварҳоямон ҳоло асосан аз рӯи се самт—савдо, нақлиёт ва транзити бору нақлиёт хеле дақиқ ба роҳ монда шудааст. Дар соҳаҳои мазкур байни ҳар ду давлат қарордоду мувофиқатномаҳо тартиб ёфта, барои тасдиқи сарони ҳар ду кишвар омода гардидааст. Мутобиқи ин қарордодҳо қадамҳои нахустин гузошта мешаванд. Аз оғози моҳи ноябри соли ҷорӣ аз шаҳри Тирмиз тавассути хатти барқии Ҳайратон—Мазори Шариф қувваи барқи Ӯзбекистон ба ҳудуди Афғонистон интиқол мегардад. Дар ояндаи наздик бошад, қувваи барқи Ӯзбекистон аз Мазори Шариф то шаҳри Кобул хоҳад расид.

Манфиатҳои ҳар ду кишвар билхосса дар соҳаи нақлиёт ва сохтмони роҳҳо қобили таваҷҷӯҳанд. Дар хусуси аҳамияти роҳҳои автомобилгард дар Афғонистони кӯҳӣ сухан рондан суде надорад. Зеро роҳҳо дар рушди сиёсиву иқтисодии ин кишвар аҳамияти беандоза калонро дороанд.

Аз ин лиҳоз тармиму бунёди роҳҳои нав дар Афғонистони имрӯза ба мадди аввал баромадааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

## Варзишгарони Ӯзбекистон шарафи мамлакатро дар бозиҳои I Африқою Осиё дар шаҳри Ҳайдарободи Ҳиндустон сарбаландона ҳимоя карданд

## Ӯзбекистон — чемпиони Африқою Осиё

***Тамошобинон ва мутахассисони варзиш пеш аз ҳама ба талошҳои боксчиёну футболбозон мароқи калон зоҳир карданд.***

Боксчиёни ҷамоаи яккачини мо аз ҳама бештар соҳиби медал гаштанд. Муштзанон Дилшод Маҳмудов, Бахт Сарсекбоев, Ӯткир Ҳайдаров, Баҳодур Султонов, Рустам Саидов ҳар кадом дар вазни худ соҳибони медалҳои тилло гаштанд. Сергей Михайлов ва Икром Бердиевҳо бошанд, ба гирифтани медалҳои биринҷӣ сазовор шуданд.

Дар талошҳо оид ба шиноварӣ ба масофаи 50 метр Равил Начаев пеш аз ҳама ба марра расида, чемпиони бозиҳо гардид. Олег Пухнатий, Александр Агафонов, Петр Василев ва Темур Эргашев дар эстафетаи 4x200 метр ҷои сеюмро гирифтанд.

Дар камонварӣ бошад, Вячеслав Скромов соҳиби медали нуқра гашт. Вай дар ба нишон гирифтани ҳадафи дар 50 метр ҷойгиршуда натиҷаи хуб нишон дод.

Дар талошҳои финалӣ футболбозони мо бо ҷамоаи миллии Ҳиндустон, ки тими яккачини Зимбабверо ба ҳисоби 5:3 мағлуб сохта буд, рӯ ба рӯ шуданд. Чӣ тавре, ки аз Федератсияи футболи Ӯзбекистон маълум карданд, ягона тӯбе, ки Ислом Иноғомов ба дарвозаи ҷамоаи соҳибони майдон зад, тақдири вохӯриро ҳал намуд. Ҳамин тариқ тими яккачини ҷавонони мо чемпиони Бозиҳои Африқою Осиё гашт. Футболбозони мо дар талошҳои ҷамоаҳои мамлакатҳои Осиё ва Африқо аз панҷ вохӯрӣ дар чортоаш ғолиб баромада, як зӯрозмоиро якранг анҷом доданд. Бо ҳамин онҳо бори дигар маҳорат ва боварии худро ба ғалаба намоиш доданд.

Бояд тазаккур дод, ки ҷамоаҳои яккачини мо то ҳол дар ду мусобиқаҳои калон соҳиби ҷоиза шуда буданд. Инҳо дар талошҳои бозиҳои Осиё ва Ҷоми Мердека рух дода буд. Алҳол бошад, ҷамоаи мо аз чемпионати Бозиҳои Африқою Осиё ҳамчун чемпионон ба мамлакат бармегарданд.

**З.ТОШХӮҶАЕВ. (ӮзА).**

# Рӯйдодҳои ҷаҳон

Хабарҳо, воқеаҳо, хабарҳо, воқеаҳо

## Интихобот дар Гурҷистон

***Бинобар маълумотҳои пешакии Комиссияи марказии интихобот то дирӯз 50 фоизи овозҳои интихобкунандагон ба ҳисоб гирифта шудааст.***

Блоки «Барои Гурҷистони нав», ки ба он президенти ҷумҳурият Эдуард Шеварднадзе роҳбарӣ мекунад ва блоки собиқ вазири адлияи ҷумҳурият Михаил Саакашвилӣ — «Саакашвилӣ-Ҷунбиши миллӣ» миқдори баробари овозҳоро (25 фоизӣ) ҷамъ овардаанд. Ҳизби лейбористон - 15 фоиз, блоки интихоботии «Бурдҷанадзе-демократҳо» 7,5 фоиз, «Эҳё»- 6,5 фоиз овоз гирифтаанд. Ҳизбҳо ва блокҳо барои ба парлумон роҳ ёфтан бояд 7 фоизи овозҳоро соҳиб шаванд. Дар интихобот ҳамагӣ 9 гурӯҳи интихоботӣ ва 21 ҳизб иштирок менамоянд. Чунон ки аз тариқи гузориши анъанавии радиоии худ президенти Гурҷистон Эдуард Шеварднадзе иттилоъ дод, натиҷаҳои ҷамъбастии интихоботи парлумонии Гурҷистон танҳо баъд аз чанд рӯз маълум мешаванд. Маълумотҳои пешакӣ ҳанӯз пурра нестанд. Аз хусуси натиҷаи овоздиҳӣ дар Адҷария маълумот нест, дар 21 ҳавзаи интихоботӣ натиҷаҳо ғайриқонунӣ шумурда шудаанд, дар ағбаи Кодорски бинобар бад будани обу ҳаво бюллетенҳои овоздиҳӣ сари вақт расонида нашудаанд, ба ин муносибат дар он ҷо интихобот гузаронида нашуд.

Роҳбари Гурҷистон интихоботи парлумонии дар мамлакат баргузоргардидаро интихоботи одилонатарин ва демократитарини таърихи Гурҷистони соҳибистиқлол номид. Баробари он вай ҳодисаҳои халалдор шудани интихоботро, ки асосан аз саҳроҳо дар рӯйхати интихобкунандагон иборат буданд, эътироф намуд. Ҳамчунин ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати аъзоёни комиссияи интихоботӣ аз ҷониби баъзе номзадҳо ба қайд гирифта шудааст. Ба ин муносибат ба се минтақаи кишвар — Мсхета, Руставӣ ва Зугдидӣ гурӯҳҳои таъиноташон махсус даровард шудаанд.

***Дирӯз парлумони (сейм) Литва бинобар ҷанҷолҳо дар атрофи Президенти кишвар Роландас Паксас ва ёварони ӯ ҷамъомади пӯшидаи таъҷилӣ гузаронид.***

## Президенти Литва айбдор карда мешавад

Хотиррасон менамоем, ки номи президент баъд аз маърӯзаи расмии мураттаб намудаи хизмати амнияти Литва, саҳеҳтараш Департаменти амнияти давлатии кишвар, ки эълон накардааст, дар маркази ин ҷанҷолҳои сиёсӣ афтод. Дар он фактҳои робитаи байни хизмати амнияти президент ва ҷинояткории муташаккил оварда шудаанд. Як қисми маводҳои ин маърӯза, ки дар расонаҳои ахбори оммавӣ чоп гардидаанд, боиси ин моҷароҳо шуданд.

Порчаҳои ин маърӯза дар шумораи махсуси рӯзномаи «Республика» ба чоп расиданд. Бинобар хабари он Литва ба сифати тарафи сеюм — ҳамчун миёнарав дар тиҷорти байналхалқии аслиҳа ва маводҳои мамнӯъ истифода гардидааст. Дар ҳамин маводҳо зикр мегардад, ки Литваро ба сифати майдони амалиётҳои ғайрилегилии молиявӣ истифода мебаранд.

Президенти Литва дар ҳаёти дохилии кишвар нақши муҳимро намебозад, қайд менамояд Рейтер. Вале назорати олиро дар ҳаракатҳои сиёсати берунии давлат ба амал мебарорад, симои ҳалкунандаи раванди тайёрии кишвар барои дохил шудан ба НАТО ва Иттиҳоди Аврупо ба шумор меравад. Тахмин меравад, ки ин ҷумҳурияти хурди Наздибалтика, ки ҳамагӣ 3,5 миллион аҳолӣ дорад, соли оянда ба ҳар ду блоки номбаршуда ҳамроҳ мешавад.

Сарвазири кишвар Алгирдас Бразаускас президентро дастгирӣ кард ва ба журналистон изҳорот дод, ки вай ягон сабаби айбдор кардан ё худ аз мансаб фурӯнишондани президентро намебинад. Сарвазир хоҳиш намуд, ки аз ин хусус тадқиқоти ҳамаҷониба бурда шавад. Конститутсияи кишвар ба Парлумон ҳуқуқ медиҳад, ки қарорро аз хусуси аз мансаб фурӯ хондани Президент қабул намояд.- Баъди он бояд интихоботи нав гузаронида шавад. То анҷоми интихобот вазифаи роҳбари давлатро Райси парлумон бар дӯши худ мегирад.



*Дар пойтахти Фаронса—дар қисми қадимии шаҳри Париж ҳоло 2 млн. 147 ҳазору 857 нафар аҳолӣ иқомат мекунад, ки он нисбат ба соли 1990 27.300 нафар кам аст. Бо сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баъзе қишри аҳолӣ қалби пойтахтро тарк мекунанд. Аз ин боис аҳолии атрофи шаҳр торафт меафзояд, ки он имрӯз беш аз 9 млн. мебошад.*

*Маркази шаҳр бештар ба маҳалли намояндагиву корхонаҳо табдил меёбад, ки он аз ҳисоби биноҳои нав ба нав ҳуснотар мегардад*

***Дар сурат:** музей дар соҳили Бранлӣ, ки соли 2005 кушода мешавад. Масоҳати намоишгоҳӣ ва гирдиҳамоии он 9 ҳазор метри мураббаъро фаро мегирад.*

# Набзи Тоҷикистон

### Кӯмаки Бонки рушди Осиё

Бонки рушди Осиё (БРО) ба Тоҷикистон дар тӯли се сол барои инкишофи деҳот ва ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя 100 миллион доллари Амрико ҷудо мекунад. Аз ин хусус намояндагии БРО дар Душанбе изҳорот дод. Дар изҳорот қайд мегардад, ки ин қарор дар чаҳорчӯбаи стратегия ва барномаи мамлакатшиносӣ барои Тоҷикистон дар панҷ соли наздиктарин қабул гардид. 35 миллион доллари аввалинро ҷумҳурият аллакай дар ибтидои соли оянда қабул хоҳад кард, ки он ба рушди инфрасохтори деҳот, навсозии хизмати гумрук ва барқарор намудани алоқаҳои нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя масраф мегардад. Чунон ки дар хабари намояндагии бонк зикр мегардад, стратегияи мамлакатшиносӣ бо эътибор ба ин мушкилоти Тоҷикистон вазифаи асосии худро, ки аз мубориза бо қашшоқӣ дар ин кишвар аст, иҷро менамояд.

### Ёрии тиббӣ ба аҳолии Тоҷикистон

Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар чаҳорчӯбаи «Оилаи саломат» ба сокинони вилояти Хатлон тақрибан ҳафт миллион доллар ҷудо кард. Муаррифсозии лоиҳаи мазкур дар ҳукумати шаҳри Қӯрғонтеппа ба амал омад. Лоиҳаи нав боз як бор тасдиқ менамояд, ки ИМА ният доранд, ки ба кишварҳои тараққикунанда бобати дастгирии ҷабҳаҳои иҷтимоӣ минбаъд ҳам кӯмак расонанд. Ёрии ИМА ба Тоҷикистон, ба хусус дар соҳаи ҳифзи сиҳҳат назаррас аст. Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соли 2002-юм дар чаҳорчӯбаи барномаи инсонпарварӣ барои Тоҷикистон зиёда аз 100 миллион доллар ҷудо карда буд. Иттиҳодияи созмони байналхалқӣ ба татбиқи лоиҳаи «Оилаи саломат» машғул мебошад. Барномаи он умуман даҳ ноҳияи вилояти Хатлонро дар бар мегирад, вале ба чаҳор ноҳияи вилоят дар навбати аввал кӯмак расонида хоҳад шуд. Инҳо ноҳияҳои Шаҳритус, Вахш, Мӯъминобод ва Маскав мебошанд. Барои сокинони Кӯлоб ҳам миқдори муайяни маблағ ҷудо карда мешавад. Барномаи расондани ёрии тиббӣ зиёда аз 160 зан ва кӯдакони вилояти Хатлонро дар назар дорад. Ба сокинони вилоят дар тӯли панҷ сол аз ҷониби кормандони хориҷии тиббӣ ёрии ҳамаҷонибаи касбӣ расонида мешавад, ба масъалаҳои саломатии модару кӯдак ва сиҳҳати оила эътибори ҷиддӣ дода хоҳад шуд.

### Афзоиши истеҳсолот—сабаби коҳиши бекорӣ

Тақрибан бист ҳазор сокини Тоҷикистони шимолӣ дар тӯли нӯҳ моҳи соли 2003-юм соҳиби кор шуданд. Ҳарчанд аз хусуси кам шудани сафи бекорони вилоят сухан гуфтан ҳанӯз бармаҳал аст, мутахассисони иқтисоддони маҳаллӣ бар онанд, ки агар бо кор таъмин намудани аҳолӣ бо суръати имрӯза идома ёбад, шиддати вазъи иҷтимоӣ метавонад хеле паст шавад. Бинобар маълумоти кумитаи иқтисод ва тиҷорати вилояти Суғд дар тӯли нӯҳ моҳ ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 396,4 миллион сомониро ташкил додааст. Суръати инкишоф ба 120,1 фоиз баробар аст. Дар ҳаҷми 154,5 миллион сомонӣ молҳои мавриди ниёзи аҳолӣ истеҳсол шудаанд. Баробари ин ҳаҷми музди меҳнат ҳам меафзояд. Ҳоли ҳозир маоши коркунони соҳаи саноат ба ҳисоби миёна зиёда аз 34 сомониро ташкил медиҳад. Бинобар ақидаи ҷонишини кумитаи иқтисод ва тиҷорати ҳукумати вилояти Суғд Анвар Ёқубов он чиз хурсандиовар аст, ки аксар корхонаҳои саноатӣ қарзи худро оид ба додани музди меҳнат адо намудаанд. Ба шарофати мӯътадил гардидани вазъи сиёсии ҷумҳурият сармоягузорони хориҷӣ бебокона амал менамоянд. Ҳоло саҳми маблағҳои хориҷӣ 25,5 миллион долларро ташкил медиҳад. Пешрафти ҳаёти иқтисодӣ ба баланд шудани суръати ҳаҷми содирот ва воридоти маҳсулот ҳам боис мегардад.

### Ихтироъкори беҳтарини соли 2003

Духтури тоҷик, директори маркази зебоӣ ва дандонпизишкии Хуҷанд Алиҷон Шокиров барои ихтирои технологияи нави табобати патологияи устухони ҷоғу рухсор ва истеҳсоли асбобу ускунаҳои муаллифӣ соҳиби медали тилло гардид. Медали тилло ба ӯ дар тантанаҳои 10-солагии Маркази миллии ахбори патентии Ҷумҳурияти Тоҷикистон супурда шуд. Мукофотро олим аз дасти президенти Созмони умумиҷаҳонии сарватҳои зеҳнӣ Комил Идрис қабул кард. Дар вохӯрӣ мутахассисон аз Фаронса, Русия, Дания ва Шветсария иштирок доштанд.

**«Туркистон-пресс» ва «Вароруд».**

*Шарҳи мо*

# Илмат ба амал чу ёр гардад...

Одатан, ҷашн гирифтани ин ё он даргоҳи илм, махсусан, ҷашни 60-солагии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ӯзбекистон моро водор месозад, ки авроқи рангини китоби шастсолаи онро варақ зада, бароямон хулосаҳои зарурӣ барорем ва баояндаи дур назар кунем. Яъне то ба имрӯз Фарҳангистони улум чӣ гуна дастовардҳоеро ба даст даровард ва ин дастовардҳо то кадом дараҷа дар амал—дар истеҳсолот амалӣ гаштанд. Махсусан, Фарҳангистони улум баъди истиқлолият низоми корашро мустақилона чӣ тавр тағйир дод ва дар тӯли 12 сол мустақилона чӣ гуна пажӯҳишҳоро ба сомон расонд ва чӣ қадар дастоварди илмии олимон дар амал татбиқ гардиданд.

Дар қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ҷашн гирифтани 60-солагии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» аз ҷумла, таъкид карда мешавад, ки ҳайати кумитаи ташкилӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани тадбирҳои ҷашн тасдиқ карда мешавад. Азбаски ҷашни Фарҳангистони улум дар нимаи дуюми моҳи декабри соли равон ба вуқӯъ меояд, дастовардҳои илмии то ба имрӯз ба дастовардаи олимони фанҳои дақиқу табиатшиносӣ ва гуманитариро мисли китоби нохонда варақ мезанем. Ку, қудрати олимони мо аз куҷо то ба куҷост? Дар воқеъ, баъди истиқлолият олимони Ӯзбекистон мустақилона дар бораи ин ё он мавзӯи тоза босамар кор карданд. Бояд тазаккур дод, ки дар солҳи истиқлолият робитаи олимони ҷумҳурӣ ба бисёр олимони мамлакатҳои мутараққии дунё беш аз пеш вусъат ёфт.

Вале ин маънои онро надорад, ки баъди истиқлол олимони мо дар як ҷо по кӯфтанд. Ҳаргиз! Ҳиссаи Фарҳангистони улум дар ганҷинаи илмии миллӣ ва умумиинсонӣ, ки на фақат дар Ватани мо, балки дар миқёси байналхалқӣ шинохта шудаанд. Магар ин осон аст?! Зеро сарчашмаҳои қадимаи мо собит месозанд, ки дар тӯли қарнҳо ниёкони бузурги мо, ки дар шаҳрҳои бостонӣ, аз ҷумла, Хоразм, Самарқанд, Тирмиз, Бухоро ва ғайраву ҳоказо ба дунё омаданд, барои мо ганҷинаи бебаҳоеро ба мерос гузоштаанд.

Аз ин рӯ, бо ифтихор бояд қайд кард, ки пажӯҳишгарони мо хазинаи бемисли ниёконамонро омӯхта, ғизои маънавӣ мегиранд. Дар заминаи он ба мавзӯъҳои тоза ба тоза даст мезананд.

Садаи XXI оғоз ёфт. Дар садаҳои пешин илму техника дар бисёр мамлакатҳои дунё инкишоф ёфт. Ин аст, ки олимони Ӯзбекистони соҳибистиқлол низ мувофиқи давру замон тадқиқот бурданд ва мебаранд. Захираҳои зеризаминиро пайваста таҳқиқ мекунанд. Дар шароити иқтисоди бозор муносибатҳои иқтисодиро тадқиқу таҳқиқ менамоянд. Табиати Ватанро меомӯзанд — хуллас захираҳои зери замин ва рӯи замин ва ҳамчунин кайҳонро тадқиқу таҳқиқ мекунанд. Азбаски Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои заминларза аст, олимони Ӯзбекистон дар ин ҷода низ комёбиҳои беназирро ба даст даровардаанд. Пешакӣ метавонанд бигӯянд: кай ва дар куҷо дар ҳудуди Ӯзбекистон заминларза мешавад.

Вале бо вуҷуди ин ҷабҳаҳои тадқиқнашуда ва ё пурра таҳқиқнашуда ҳанӯз ба назар мерасанд. Бигирем алоқаи илм бо истеҳсолотро. Дар ҳақиқат, натиҷаи тадқиқоти ин ё он олим дар истеҳсолот тадбиқ нагардад, чӣ суд аз он тадқиқот? Барои он ки иқтисодиёти мамлакат босуръат пеш равад, илм ба истеҳсолот бояд такони тозае бидиҳад. Чаро ин гуна ҳодисаҳои нохуш гоҳ-гоҳ ба назар мерасанд? Шояд бинобар суст будани алоқаи илм бо корхонаҳои истеҳсолӣ истифода намегарданд. Барои истифодаи ин коркардҳо ва кашфиётҳое, ки ба таври бояду шояд дастгирии моддӣ ва маънавӣ надидаанд, шароит фароҳам оварда нашудаанд.

Умед аст, ки ҳангоми тайёрӣ ба ин ҷашни бошукӯҳ дар қатори дастовардҳои Фарҳангистони улум нуқсонҳо низ ба забон гирифта мешаванд. Ба забон гирифтани нуқсонҳо кам аст. Муҳимаш роҳҳои дар муддати кӯтоҳ барҳам додани камбудиҳоро муҳокима намудан ҳам қарзу ҳам фарз аст. Зеро Ӯзбекистони соҳибистиқлол, ки ҳанӯз ҷавон аст, ба мӯъҷизаофарони аҳли илм ниёз дорад. Бароямон равшан аст, ки дар сурати аз илми ҳозиразамону умумиҷаҳонӣ қафо мондан, давлати пуриқтидорро барпо карданамон ба гумон аст.

Дуруст аст, ки кори олимонро ҳаргиз осон гирифтан нашояд. Барои он ки ягон мӯъҷизаи тозаро олимон кашф кунанд, ба қавле, заҳмати онҳо ба «чоҳро бо сӯзан кофтан» баробар аст.

Ин аст, ки минбаъд ҳукумат Фарҳангистони улумро ҳам аз ҷиҳати воситаҳои техникии ҳозиразамон ва ҳам аз ҷиҳати моддӣ таъмин хоҳад кард. Месазад, ки заҳмати олимони мӯъҷизаофар ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ муносиб қадр карда шавад. Бо ин мақсад дар қарор, аз ҷумла, чунин гуфта мешавад. «Низомро оид ба мустаҳкам намудани базаи илмӣ ва моддиву техникии Фарҳангистони улум ба тартиб андохтан ва инкишоф додани он, аз иқтидори мавҷуда пурсамар истифода бурдан, хариди таҷҳизот ва асбобу ускунаҳои лабораторӣ, ки барои фаъолияти илмӣ, таъмири бино ва иншоот, ҳамчунин оид ба ҳифз намудан ва нигаҳдорӣ кардани иншоотҳои илмию фарҳангӣ, сохтмонҳои ғайриоддӣ ва иншоотҳое, ки сарвати миллӣ ба шумор меравand, тайёр намоянд ва ба Девони Вазирон пешниҳод кунанд...»

Чунин аст ғамхории ҳукумат дар ҳаққи кормандони Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон. Бисёр ҷабҳаҳои хоҷагии халқи Ӯзбекистон ҳанӯз ба таври бояду шояд ба талаби иқтисоди бозор ҷавоб дода наметавонанд. Аз ин рӯ, аз олимону пажӯҳишгарони Фарҳангистони улум ҳукумат умеди калон дорад. Олимон бояд барои пеш бурдани иқтисодиёти мамлакат саҳми босазо гузоранд. Муҳимаш ҳар дастоварди илмӣ бояд дар истеҳсолот ҷорӣ гашта, самараи хуб диҳад. Бесабаб намегӯянд, ки «илмат ба амал чу ёр гардад, қадри ту яке ҳазор гардад!»

Дар ҷавоби ғамхориҳои ҳукумат олимони Ӯзбекистон ба ҳама гуна эъҷозкориҳо қодиранд. Ба ин шакку шубҳае надорем.

**Б.ТӮЙНАЗАРОВ.**

# Хабарҳо аз Сирдарё

### Бо як чинак 29 сентнер

Дар хоҷагии ширкатии «Бирлашган»-и ноҳияи Сайҳунобод сафи пахтакорони ғолиб рӯз аз рӯз меафзояд. Дар хоҷагӣ усули пудрати оилавӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Звеноҳои пудратие, ки Давлат Мингбоев ва Фарҳод Муҳаммадиевҳо саркоранд, алҳол бо як чинак 29 сентнерӣ пахтаи хушсифат ғундошта, супоришоти шартномавиро иҷро карданд. Дар хоҷагӣ ғунучини ҳосил давом дорад.

### Фермерон пешқадамаnd

Ҳиссаи фермерон ба хирмани пахтаи хоҷагии ширкатии «Истиқлол»-и ноҳияи Сирдарё назаррас аст. Хоҷагиҳои фермерии «Рӯзимурод» тахти роҳбарии Омон Икматов, «Юлдуз» бо сарварии Карим Раҳмонов ва «Улуғбек», ки саркораш Карим Каттабеков аст, то имрӯз аз ҳар гектар 26-28 сентнерӣ ҳосил ғундошта, ба марраи мурод расиданд. Боз се нафар фермери хоҷагӣ супоришоти солонаи пахтасупориро иҷро намуд.

### Боз 10 тонна

Деҳқонони хоҷагии фермерии «Чинор ота» аз ноҳияи Ш.Рашидов аҳд карданд, ки ба давлат боз 10 тонна пахта супоранд. Оҳо аз 18 гектар замин 43 тонна пахта чинда супоришоти шартномавиро кайҳо иҷро карда буданд.

**Тӯхтамиши БОҚӢ, вилояти Сирдарё.**

# «Аз сулҳу амният дар Афғонистон Ӯзбекистон низ манфиатдор аст»

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ӯзбекистон тавассути роҳҳои Афғонистон ва бандарҳои обии Эрон аз баромади ба обҳои ҷаҳонӣ манфиатдор мебошад. Афғонистон бо воситаи роҳҳои мумфаршу оҳани Ӯзбекистон аз ташкилу танзими робитаи бо мамлакатҳои муштараку манофеъ ва Урупо баҳравару бархурдор аст. Аз ин ҷиҳат мутахассисони мамлакатамон дар тармиму азнавсозии роҳҳои Афғонистон фаъолона ширкат варзида, якчанд лоиҳаро тарҳрезӣ намудаанд.

Имрӯзҳо аз рӯи яке аз лоиҳаҳои сохтмону тармим роҳи Ҳайратон — Пули Хумрӣ, Мазори Шариф — Сарипул — Шибирғон тендери байналмилалӣ эълом гардидааст. Арзиши умумии лоиҳаи мазкур 150 миллион доллари ИМА буда, дар озмун 17 ширкати бонуфуз аз 5 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла компанияи, давлатии саҳҳомии «Ӯзавтойӯл»-и мо низ иштирок дорад. Ғолибони озмун 10 марти соли 2004 оғоз меёбад. Тавассути ин шоҳроҳ борҳои мамлакатамон ба бандаргоҳи байналмилалии Чабаҳори Эрон, ки дар халиҷи Уммон ҷойгир аст, интиқол мегардад. Қисмати 800 километраи шоҳроҳи номбурда аз ҳудуди Афғонистон мегузарад ва корҳои асосии сохтмон дар ҳамин минтақа сурат хоҳад гирифт. Мутахассисони ӯзбекистонӣ лоиҳаи шоҳроҳро ба таври мукаммал омода сохта, ба ҳукумати Афғонистон тақдим намудаанд. Дар рӯзҳои наздик аз рӯи ин лоиҳа низ озмун эълон хоҳад гардид.

Яке аз лоиҳаҳои муҳимтарине, ки моҳҳои наздик дар ҳудуди Афғонистон амалӣ хоҳад шуд, сохтмони роҳи оҳани Тирмиз—Мазори Шариф аст. Оиди аҳамияти роҳи оҳан дар бозсозиву тараққиёти сиёсиву иқтисодии хоҷагии халқи Афғонистон ҳар чӣ қадар сухан ронем, кам аст. Тӯли умумии роҳи оҳани мазкур 86 километрро ташкил намуда, дар оянда он дар самти Сарипул—Шибирғон идома хоҳад ёфт. Лоиҳаи бунёди роҳи оҳани мутазаккир низ аз ҷониби меъморону муҳандисони мамлакатамон мураттаб гардида, ба ҷониби Афғонистон тақдим шудааст.

Сохтмони роҳи оҳани Тирмиз—Мазори Шариф, ки аз тарафи компанияи давлатии саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йӯллари» ба амал бароварда мешавад, соли оянда оғоз меёбад. Якҷоя бо бунёди роҳи оҳан дар шаҳри Тирмиз анборхона—терминали калонҳаҷми муҷаҳҳаз бунёд мегардад, ки барои муҳофизати борҳои гуногун имконият фароҳам хоҳад овард.

**—Дар сарзамини Афғонистон як теъдод ёдгориҳои бостонӣ мутааллиқ ба таърихи фарҳанги Ӯзбекистон мавҷуданд. Ба таври мисол мақбараҳои фарзандони барӯманди халқамон Абӯрайҳони Берунӣ, Алишери Навоӣ, Султон Ҳусайн Бойқаро, Мавлоно Лутфӣ, Заҳириддин Муҳаммади Бобур, Бобораҳим Машраб, Амир Саид Олимхонро номбар кардан мумкин аст.**

**Оиди тармиму ободгардонии обидаҳои зикршуда аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон чӣ гуна тадбирҳо дар назар дошта шудааст?**

—Саволи бисёр бамавқеъ. Манзили охирини онҳо дар шаҳрҳои мухталифи ин кишвар ҷой гирифтааст. Аз ҷумла марқади Абӯрайҳони Берунӣ дар шаҳри Ғазнӣ, мақбараҳои Алишери Навоӣ, Султон Ҳусайн Бойқаро, Мавлоно Лутфӣ дар шаҳри Ҳирот, Заҳириддин Муҳаммади Бобур ва намояндаи охирини амирони хонаводаи манғитӣ—Амир Саид Олимхон дар шаҳри Кобул ва қабри шоири ғазалсаро Бобораҳим Машраб низ дар атрофи пойтахти Афғонистон ҷойгир шудааст.

Дар давоми қарнҳо, зери таъсири обу ҳаво ва набардҳои шадиду пурталотум, билхосса ҷангҳои солҳои охир обидаҳои номбурда осеб дида, ба ҳолати тармимталаб афтодаанд.

Дуруст аст, ки таи ду соли охир аз ҷониби Ӯзбекистон ва бо ҳамкории хазинаҳои байналмилалӣ дар мақбараҳои Алишери Навоӣ ва Заҳириддин Бобур як қадар корҳои ободонӣ ба сомон расидааст. Лекин ин ба қадри кофӣ нест.

Он чиз боиси хурсандист, ки моҳи августи соли ҷорӣ бо қарори Девони Вазирони Ӯзбекистон оиди сохтмону ободгардонии мақбараи Алишери Навоӣ дар шаҳри Ҳирот қабул гардид. Корҳои сохтмон соли 2004 оғоз гардида, то охири ҳамон сол ба анҷом хоҳад расид.

Умед аст, ки дар оянда оромгоҳҳои дигар фарзандони бузурги кишварамон, ки дар хоки Афғонистон мадфунанд, таъмиру обод хоҳад гашт.

**—Дархостҳои шумо ба мардумони ҳар ду кишвар.**

—Ба мардуми дӯсту бародар ва заҳматкаши Афғонистон пеш аз ҳама сулҳу осоиштагиро орзумандам.

Бидуни сулҳу амният кори ободиву навсозӣ ба сӯи манзили дурахшони оянда нахоҳад расид. Аз сулҳу амнияти Афғонистон мардумони Ӯзбекистон низ манфиатдор ҳастанд. Он лоиҳаҳои калони бунёдкорӣ фақат дар шароити осоиштагӣ ҷомаи амал дар бар мекунад.

Бо халқи кишвари азизам—Ӯзбекистон ҳам зиндагии осудаҳолона, тансиҳативу фаровониро аз эзиди мутаол хоҳонам.

**Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ, мухбири «Овози тоҷик».**
*Тошканд—Кобул—Тошканд.*

## Ба фермер роҳхати бепул

Пахтакорони хоҷагии фермерии «Диёр» аз ноҳияи Меҳнатобод имсол ба яксаду бист гектар замин пунбадона кошта буданд. Меҳнати ҳалоли онҳо имрӯз бор овард. Хоҷагии фермерӣ ба давлат 235 тонна пахтаи навъи якум фурӯхта, супоришоти шартномавиро барзиёд иҷро кард. Ба бунёди ин хирман Насиба Бойназарова ва Бибихон Қурбонова барин чинакчиён ҳиссаи арзанда ҳамроҳ намуданд. Онҳо ҳар кадом то имрӯз беш аз 3,5 тонна пахта чинданд.

Раиси иттифоқи касабаи коркунони агросаноати деҳқонии вилоят Абдурашид Рустамов ба сарвари хоҷагии фермерии «Диёр» Бобохӯҷа Поччаев роҳхати бепулро ба сиҳатгоҳи «Ӯзбекистон» ба тариқи мукофот дод. Чинакчиёни пешқадам Насиба ва Бибихон мукофотҳои суди хоҷагии вилоят таъсискарда — гилему қолин ва соати қиматбаҳоро гирифтанд.

Дар саҳрои хоҷагии фермерӣ ҳосил фаровон аст ва пахтакорон аҳд карданд, ки боз 65 тонна пахтаи хушсифат мечинанд.

**Б. ТӮХТАМИШ.**



*Дар пули дарёи Амударё, ки он дар як вақт ҳамчун роҳи автомобил ва ҳам роҳи қатор хизмат хоҳад кард, сутуни ҳаштуми он рехта шуд. Ду сутуни боқимондаи он дар моҳҳои наздик сохта мешаванд.*

*Дар сохтмони пули мазкур на танҳо мутахассисони маҳаллии хоразмӣ, балки аз Тошканду Андиҷон низ гурӯҳҳои махсуси пулсозон фаъол иштирок доранд.*

*Нақшаи бунёдкорони пули мазкур то охири соли 2003 ба итмом расондани кори он мебошад.*

***Суратгир: Т.ХОВАРӢ.***



Арзи эҳтиром

# Бузургон намемиранд

Онҳо ҳамфикру ҳамнафас буданд. Солҳои истиқлол такрор аз ҳамҷиҳатии онон меандешам. Даҳ сол қабл доғи сиёҳ аз суфи номи арбоби ҷамъиятӣ ва нависанда Шароф Рашидов шуста шуд. Дар ҷашни 75-солагии зодрӯзи ӯ (дар Ҷиззах) мӯҳтарам Президентамон Ислом Каримов парда аз рӯи ҳақиқат боз намуд, бо самимият дар бораи ин шахси нотакрор ҳарф заданд. Бино ба Фармони Президент Иброҳим Мӯъминов—файласуфи бузург, устоду маслиҳатҷӯи Шароф Рашидов ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш сазовори ордени «Буюк хизматлари учун» дониста шуд.

Ҳар ду аллома солҳои истиқлол ба шоҳсуфаи иззату икром аз нав нишастанд. Онҳо дар аҳди Шӯроҳо барои бахту саодати халқ заҳмат кашида буданд. Ҳамандешӣ, ҳамназарияшон ба он оварда буд, ки риштаи хешиву ақрабоӣ бо ҳам бипайвастанд. Агар аҷал ба корвони умрашон турктозӣ намекард, Иброҳим Мӯъминов имсол баҳори 95-уми умр, шодравон Шароф Рашидов фасли гулафшони 86-уми рӯзгорро истиқбол мегирифтанд.

Ҳаёти шахсии бузургон, афкору андешаҳояшон барои ҷавонон ҳамеша дарси ибрат аст. Иброҳим Мӯъминов ҳамнишини Садриддин Айнӣ барин нависандагони забардаст буд. Бо А.Саъдӣ, П.Солиев, Ҳ.Олимҷон, Уйғун ва дигар намояндагони илму адаб иртибот дошт. Соли 1933 декани факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ буд.

Аз ёддошти Иброҳим Мӯъминов, ки ба он солҳо марбутанд: «Рӯзе назарам ба донишҷӯи факултаи таъриху филологияи донишгоҳ, ки Шароф ном дошт, афтид.

...Пешоҳанги ҷавонон Шароф, ки қомати баланд дошт бо табассуми малеҳ вориди утоқ гардид ва гуфт:

—Дар маҳфили адабӣ устодон С.Айнӣ, А. Саъдӣ, Уйғун, Ғ.Ғулом, Ҳ.Олимҷон баромад карданд. Мо—Назармат, А.Умарӣ, М.Васфӣ, А.Ҳамдам ва Б.Турсунов иштирок доштем. Шумо ба нашри намунаҳои насру назми аъзои маҳфил кӯмак мекардед.

Ман ташаббуси ҷавонро дастгирӣ кардам. Вай дертар корманди рӯзномаи вилоятӣ, аз пештозони корҳои табъу нашр буд. Бо саъю ҳаракати камина ба гирифтани стипендияи ба номи Алишер Навоӣ муяссар гардид.

Устод Садриддин Айнӣ соли 1941 дар бораи рисолаи номзадии Иброҳим Мӯъминов чунин гуфта буд: «Ба фалсафаи Гегел даст зада, моҳияти онро боз намудааст. Ин кори илмӣ ба назари камина як зарф обест аз баҳри фалсафа. Итминон дорам, ки ӯ жарфотар ба ин баҳр фурӯ меравад ва марвориди мақсуд ба каф меорад. «Боварии устодро сазовор гашт. Рисолаҳои ӯ «Диди фалсафии Мирзо Бедил», «Тараққиёти афкори иҷтимоӣ-фалсафӣ дар Ӯзбекистон (охири асри XIX, ибтидои асри XX)» доир ба таърихи фалсафа нашр шуданд. Дар асоси ин китобҳо Иброҳим Мӯъминов соли 1950 ба дараҷаи доктори илмҳои фалсафа расид. Бояд гуфт, ки он солҳо дар Ӯзбекистон ду доктори илм (дуюмаш Воҳид Зоҳидов) буд.

Иброҳим Мӯъминов аз соли 1956 ба сифати яке аз фидоиёни илму фан дар пойтахт фаъолият оғоз намуд. Яке аз созмондиҳандагони Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон, Донишкадаи фалсафа, ҳуқуқ, таърих, меъморӣ ва мураттибони энсиклопедияи Ӯзбекистон буд. Солҳои 1956-1974 ба сифати ноиб-президенти ФУ Ӯзбекистон кор кард. Рисолаи ӯ дар бораи Амир Темур, давлатдорӣ ва ҷасорату матонати соҳибқирон, ки дар аҳди шӯроҳо таълиф ёфтааст, аз шуҷоаташ дарак медиҳад. Баъди нашри ин асар ба сари Иброҳим Мӯъминов санги маломат борид...

Рӯзе (баҳори соли 1974) ӯ ҷонишини директори пажӯҳишгоҳи таърихи Фарҳангистони улум, шогирди боиқтидори худ Ҳамид Зиёевро ба наздаш хонда гуфта буд: «Ҳамидҷон, шумо хоҳед дид, замоне мерасад, ки Амир Темурро чун инсони бузург ба осмонҳо мекашанд».

***

Пас аз хатми Донишгоҳи Давлатии ба номи Алишер Навоии Самарқанд, аввал котиби масъул, сипас сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии Самарқанд буд.

Моҳи августи соли 1941 қаламашро ба силоҳ табдил дод. Лейтенанти калон Шароф Рашидов дар набардҳои зидди фашистон иштирок дошт, пас аз захмӣ шудан ба ватанаш баргашт.

Вақте ки муҳаррири рӯзномаи «Қизил Ӯзбекистон» буд, 30 сол дошт. Дертар раисии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистонро бар ӯҳда дошт.

Соли 1959 ба вазифаи котиби аввали Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Ӯзбекистон интихоб карданд. Анқариб чоряк аср дар ин вазифа то нафасҳои вопасин хизмат кард. Рашидов инсони фурӯтан буд. Ҳамаи унвону мукофотҳои ватанӣ дар ихтиёраш буданд. Ҳарчанд сазовор буд, ягонтоашро нагирифтааст.

Месазад, ки ҳамасола зодрӯзи ӯро ба таври васеъ ҷашн гирем.

Рашидов инсони ватанпарваре буд, кадрҳои асилро ҳимоя менамуд. Хурсанойапа—ҳамсарашон боре нақл карданд: «Ними шаб телефон занг зад. Гӯшакро бардоштам. Касе Шароф Рашидовичро ба телефон мехонд.

Шарофака гӯшакро ба даст гирифта «мешунавам» гуфтанду афзуданд:

—Не-не, набояд ин тавр шавад, Эркин Воҳидов адиби умедбахши мост. Мо бояд ӯро ҳифзу ҳимоят бикунем...Худам бо калонҳоят гапзанон мекунам...

Ин дафъа сухани маро ҳам ба эътибор гиред. Охир якҷоя кор мекунем?»

Шароф Рашидов асабӣ гӯшакро ниҳода боз бардоштанд:

—Оқилҷон, (котиби кумитаи Марказӣ О.Салимов) илтимос аз шумо, ба Эркин гӯед, ки агар ба ҷое даъват кунанд, наравад. Ба ҳамааш худам ҷавоб медиҳам... Баъди ин гуфтугузор то дер сар ба болини хоб нагузошта ба саҳни хона асабонӣ қадам заданд.

Пурсидам: дадеш, ба хайр аст? Он кас ҳамин қадар гуфтанд: «Хоинон, эҳ аз инҳо кай халос мехӯрем? Оё ӯзбекҳо низ халқ мешаванд? Худ соҳиби давлати худ нестӣ-дия. Марказ! Марказ! Ту шеъри «Ӯзбегим»-и Эркин Воҳидовро хондаӣ? Дар он ҳеҷ гуна ҳисси миллатгароӣ нест. Халқамон бар асари суханони «хоинон» аз беҳтарин фарзандонаш ҷудо мешавад. Онҳо ҳама рӯшанфикронеанд, ки барои истиқлоли кишвар мубориза бурдаанд. Дар кадом тӯе ҳофиз Шералӣ Ҷӯраев ин шеъри Эркинро иҷро кардааст. Нафаре ин ҳолро ба раиси кумитаи бехатарии ҷумҳурият Безчасний расондааст. Раис Эркин Воҳидовро ба курсии ҷазо кашиданӣ будааст. Муттаҳамӣ аз ин беш нест. Наход мо барои гуфтани сухани ҳақ дар замони осуда ба шоир ҷазо диҳем?!

Бо вуҷуди он, ки санги замона хеле гарон ва шишаи давр нозук буд, ин ду аллома дар ҷодаи афкору андешаҳои хеш побарҷо буданд. Иброҳим Мӯъминов барои таълифи китоб дар бораи Амир Темур азоби рӯҳӣ кашид, Шароф Рашидовро ба «изофанависӣ» муттаҳам карданд.

Як тасодуфро бубинед, ки ҳар ду 66 сол умр дидаанд. Ин ду абармард то нафасҳои вопасин дар орзуи истиқлоли кишвар буданд.

Пас истиқлоли мо, ки тахти роҳбарии Ислом Каримов амалӣ гардид, безамина нест. Фарзандони кишвар пинҳону аён барои он мубориза бурдаанд.

**К.НОРМАТОВ,**
**доктори илмҳои таърих.**

# Олам аз нигоҳи наврасон

Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи инсонҳо салиқае доранд. Яъне инсони беистеъдод вуҷуд надорад. Ҳама аз хурдсолӣ дар соҳае бартарӣ дорад. Ва ин бартариро сари вақт кашф намудан инсонро комёб месозад. Мураббиён ва омӯзгорони бузург вақте мегӯянд: «Волидайн ва бузургсолон бояд паи кашфу дарёфти салиқаи хурдсолон саҳм бигиранд», суханашон аз дарёи ҳақиқат об мехӯрад.

Истеъдоди ҳақиқӣ ба масал чашмаро мемонад, ки дар ҳама гуна шароит арзи ҳастӣ мекунад. Яъне бо вуҷуди аз эътиборҳо дур афтодан, рӯзе аз ҳастияш дарак медиҳад. Вале агар ғамхорӣ зоҳир гардад, истеъдоди ҳақиқӣ тезтар бо ҳама рангҳояш ба ҷилва медарояд.

Дар кишвари мо пас аз ба истиқлол расидан ба кашф ва тарбияи истеъдодҳои ҷавон боз ҳам ҷиддитар эътибор медиҳанд.

Дар намоишгоҳе, ки аз 20 то 30 октябри соли равон дар осорхонаи ба номи Ӯрол Тансиқбоеви пойтахт баргузор гардид, тасвирҳои рангаи ду мусаввири наврас аз шаҳри Учқудуқи вилояти Навоӣ низ ба маърази намоиш гузошта шуданд.

## Сӯҳроб ҚУРБОНОВ



14 сол дорад. Соли 1989 дар шаҳраки Ҷаббор Расулови вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дида ба дунё боз намудааст. Алҳол дар шаҳри Учқудуқ ба сар мебарад. Шогирди курси якуми коллеҷи санъат ва фарҳанги шаҳри Навоист. Беш аз чилу панҷ тасвири рангааш дар осорхона ба намоиш гузошта шудаанд. Орзу дорад, ки табиат ва зиндагии ба худ хоси қизилқумиёнро тавассути рангҳо ба оламиён муаррифӣ кунад. Осори Сарасов, Шишкин, Левитан, Репин, Тансиқбоев, Бенков, Чориев ва Ҳайдарова барин мусаввирони номӣ барояш сарчашмаи илҳоманд. Тасвирҳояш дарак медиҳанд, ки ӯ ба орзуяш мерасад.



## Нурхон НАЗАРОВ



Шогирди мактаби рақами 4 шаҳри Учқудуқ аст. Дар синфи 10 мехонад. Як гӯшаи осорхонаро беш аз чил тасвири рангааш оро медиҳад.

Дар сӯҳбат гуфт:

—Дар ин рӯзҳои тирамоҳ хеле мамнун ҳастам, ки ба туфайли дастгирии маркази фарҳангии қазоқони ҷумҳурият, вазорати фарҳанг ва осорхонаи ба номи Ӯрол Тансиқбоев тасвирҳои шогирдонаам дар яке аз нуқтаҳои фарҳангии пойтахт ба маърази намоиш гузошта шуданд. Ман саъй бинмудаам, ки дар асарам табиати нотакрори Қизилқум, олами ҳайвонот ва манзараҳои шаҳри Учқудуқро мавриди тасвир қарор диҳам. Касе ки дар Учқудуқ нашудааст, каму беш аз асарҳои ман дар бораи он тасаввурот ҳосил менамояд.

Санъату фарҳанг ва варзиш — сафирони сулҳу амонианд. Маҳз онҳо дилҳоро ба дилҳо, қитъаҳоро ба қитъаҳо, халқҳоро ба халқҳо мепайванданд.

Дар дил боз орзуе дорам. Мехоҳам ба тасвирҳои ман назари хориҷиёни дуру наздик низ афтад.

Намоиши нахустини худро мо «Учқудуқ—кишвари офтобӣ» номидем. Ман ҳоло бисёр сурат мекашам. Дар ин ҷода маро комёбӣ муяссар шуд. Мехостам ҳамаи мусаввирони боистеъдод комёб гарданд.

**Дар аксҳо: 1.** Намунаҳо аз тасвирҳои рангаи **Сӯҳроб Курбонов**. **2.** Мусаввири ҷавон **Нурхон Назаров.**

**ШОҲИД.**



*Литсеи академии мавзеи ба номи Охунбобоев соли 2000-ум дар назди донишгоҳи давлатии Фарғона дар асоси литсеи ӯзбекию туркӣ ташкил ёфтааст. Дар ин литсей, ки барои 825 нафар муайян гардидааст, толибилмон фанҳои дақиқ, иҷтимоӣ, табиӣ ва забонҳои хориҷиро меомӯзанд. Дар ин ҷо профессорон ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаи мактабҳои олӣ фаъолият доранд. Дар литсей золи варзиш, ки тамоми қулаиҳоро дорад ва ба талаботи замон мувофиқ мебошад, амал менамояд.*

*Дар соли хониши 2002-2003 литсей парастуҳои аввалини худро боли парвоз дод. 82 фоизи хатмкунандагони он ба мактабҳои олии кишвар дохил шуданд. Ногуфта намонад, ки хонандаи литсей Гулҳаё Нуриддинова дар олимпиадаи ҷумҳурӣ оид ба забон ва адабиёти ӯзбек иштирок намуда, соҳиби ҷои аввал гардид.*

***Дар сурат:** омӯзгори фанни биология **Дилфуза Раҳимова** дар оғӯши толибилмони литсей.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ӮзА).***

Франсуа де ЛАРОШФУКО
(Адиби франсуз)

# Андешаҳои ахлоқӣ

Некӯӣ либосест, ки онро дар аксари авқот барои пӯшидани айбҳо дар бар мекунанд.

***

Бисёр дидаем; дар паси он чӣ ки ҳамчун некӯӣ қабул шудааст, ғаразу найрангҳо нуҳуфтаанд. Мисолан баъзан заноне боиффат ва мардоне шуҷоъ ба назар мерасанд. Вале ин маънои онро надорад, ки онҳо дар асл покдоману далеранд.

***

Ҳеҷ чоплусе санъати волои тамаллуқ надорад, магар худбинӣ.

***

Дар кишвари худбинӣ ҳар қадар кашфиёт накунем, боз ҳам қитъаву заминҳои серҳосиле ҳаст, ки пои таҳқиқамон нарасидааст.

***

Худбинӣ устоди ҳуққабозони дунёст.

***

Шояд бақову идомати ҳаёт ба мо вобастагӣ дорад, вале давомати умри шаҳвату эҳтиросамон дар дасти мо нест.

***

Шаҳвату эҳтирос дар як он оқилро ба инсони аблаҳ табдил медиҳад, вале гоҳо аблаҳонро ҳушмандтар низ месозад.

***

Шаҳвату эҳтиросот нотиқони ягонаанд, ки далелҳояшон ҳамеша боварибахш аст: гӯё санъаташон модарзодист ва такя ба ҳақиқати бебаҳс дорад. Аз ин рӯ, сухани омии пурэҳтирос нисбат ба гуфтори суханпардозони берағбат боэътимодтар аст.

***

Шаҳвату эҳтиросотамонро дар паси пардаи порсоиву хайрхоҳиамон ҳар қадар пинҳон надорем, онҳо аз зери ин ҳиҷоб намуда меистанд.

***

Мардум на танҳо хайру шарро фаромӯш мекунанд, гоҳо мешавад, ки хайрхоҳонро чашми дидан надоранд, омодаанд, ки гуноҳи бадону дадонро бубахшанд. Зарурати сипосгузорӣ ба некӣ ва накӯҳиши бадӣ бароияшон маънои ғулом буданро дорад.

***

Шафқати зӯроварон бозии сиёсиест, ки мақсади ниҳоӣ аз он сазовор будан ба муҳаббату эҳтироми халқ аст.

***

Бо вуҷуди он ки шафқатро некӯкорӣ меҳисобанд, он ё маҳсули такаббуру коҳилӣ ва ё зодаи тарсу бим аст.

***

Эътидоли табъи хушбахтон маҳсули осудагиву оромиест, ки барорҳои пай дар пай эҳдо мекунанд.

***

Тамкини хирадмандон аз он аст, ки онҳо метавонанд эҳсосоти худро дар аъмоқи дил пинҳон доранд.

***

Фалсафа бар ғаму андӯҳи мозиву оянда пирӯз аст, вале мусибатҳои рӯз бар фалсафа пирӯз оянд.

***

Кам касон моҳияти маргро дарк намудаанд; дар аксари ҳолат бемулоҳиза, аз рӯи одатҳои муқаррарӣ онро қабул мекунанд. Ва одамон бештар барои он мемуранд, ки ба марг муқобилият нишон дода наметавонанд.

***

Рашк то андозае оқилонаву одилона аст. Он ҳимоятгари сарвати моддиву маънавии мост. Хашму ғазаби кӯркӯронаи ҳасад аз он аст, ки гуфтанист: қарибону наздикони мо низ сарвате доранд.

***

Бадиҳои мо нисбат ба шаъну эътиборамон таъқибу нафрати камро ба дунбол доранд.

***

Барои назарфиребӣ мо аксар вақт худро бовар мекунонем, ки дигар тавону қудрати ба мақсад расидан надорем: дар асл нирӯву тавонамон ҳаст, вале ирода камӣ мекунад, ирода.

***

Рашк аз шаку шубҳа ғизо мегирад. Шубҳа агар бартараф гардад, он ё мемирад ва ё ба хашм табдил меёбад.

***

Агар ҳавобаландиамон ранҷ намедод, аз такаббури дигарон камтар менолидем.

***

Ифтихор ба ҳама одамон хос аст. Фарқ дар он аст, ки кӣ аз чӣ ифтихор дорад.

***

Табиат баҳри бахту саодати мо пайкару аъзоямонро на танҳо аз рӯи дастури ақлу хирад сохт, балки барои он ки аз андешаи номукаммалии хеш халос хӯрем, ба мо ҳисси ифтихор низ эҳдо намуд.

***

Тамаъ бо ҳамаи забонҳо ҳарф мезанад ва тамоми нақшҳоро иҷро мекунад, ҳатто нақши беғаразиро.

***

Тамае моро гумроҳ месозад, тамаву озмандии дигаре чашмамонро мекушояд.

***

Дар мо баҳри итоати бачуну чаро ба амрҳои хирад нирӯи ирода камӣ мекунад.

***

Оне ки ба корҳои хурду кӯчак андармонии зиёд дорад, одатан дар иҷрои корҳои бузург оҷиз мемонад.

***

Мегӯем, ки фалонӣ қавирӯҳ аст, ё баръакс. Ин таъбири хатост. Дар асл ҳолати хуб ё номатлуби узвҳои тан авзои инсонро муайян мекунанд.

***

Ба ҳамаи инъомҳои тақдир мо вобаста ба кайфият ва авзои рӯҳӣ баҳо медиҳем.

***

На муҳит, балки муносибату мувофиқатамон ба муҳит ба мо шодмонӣ мебахшад. Мо он гоҳ хушбахт хоҳем буд, ки ашё ё манзараеро на бо талқину ташвиқи дигарҳо, балки худ бевосита дӯст дорем.

***

Инсон ҳеҷ гоҳ тавре ки худ гумон мекунад, хеле хушбахт ва ё сиёҳбахт буда наметавонад.

***

Вақте амиқ дарк мекунем, ки ба чизи дирӯз таҳсин кардаамон имрӯз санги маломат меафканем, бинои такаббурамон зеру забар мегардад.

**Аз русӣ тарҷумаи А.СУБҲОН.**

# Одамхӯр

(Новелла)

**Давомаш. (Аввалаш дар шумораи гузашта).**

—Маро, ака, тинҷ гузошта, ба ҳамон қитъаи замине, ки гирифтаед, худатон кӯчед, намешуд? Чаро мо кӯчем? Мо низ, охир, ба ин ҳавлӣ ҳақдор. Ҳа, назар ба шумо, ки дар дигар ҷо хонаю ҷо доред, додари шумо бештар ҳақдор. Васияти падар ҳам ҳамин буд, ки Беҳзод ҳамин ҷо монад. Лекин шумо баъди гӯрондани падар... Гӯед, хонаю ҷои тайёри худ монда, додари тансиҳат ба ҷои дигар кӯчад? Раҳматон намеояд? Вай ҳам як не, ду кӯдак дорад.

—Қоил, ба як даҳон сад даҳон ҷавоб! Дар воқеъ, кӯдакҳоят канӣ?

—Дар назди модарам, ба овардани онҳо фурсат нашуд.

—Мешуд, лекин ту наовардӣ. Ҳезум баҳона, бо ҳезумхар дар хона танҳо будан хостӣ!

—Ака!

—Ака нагӯ! Акаи ту, акаҷони ту ҳамон ҳезумхар! Ҳоло ба Беҳзод...

—Беҳзод кӣ будани маро медонад. Апаи Марям, зани шумо, кӣ будани шуморо ҳам!

—А?

—Шумо кайф доред, ака, хонаро бӯй гирифт. Равед, мондагӣ гап сонӣ.

—Чӣ, ман бӯи арақ мекунам? Ту чӣ, қанчиқ, худи ту чӣ?

—А, ман қанчиқ? Қанчиқ ту худат!

Бунёд шаппотие ба рӯи Соҳиба зад. Аз чашми ӯ шарора ҷаста, як калавид. Мувозинат нигоҳ дошту дар ҳолати хашми пурхурӯш хост бо тарсакии сахттар ҷавоб гардонад. Лекин худдорӣ кард. Гуфт:

—Ҳоло ту ҷавоб медиҳӣ. Барои гуфтугӯят бо духтур ҳам.

—Духтур?

—Ба духтуре, ки Беҳзодро табобат мекунад, чӣ гуфтӣ? Чаро гапатон гурехт?

Бунёд даступо хӯрд.

—Ҳа, бо ӯ, ки дар нигоҳубини додарам бепарвоӣ мекунад, гапатон гурехт. Вай ба ту чӣ гуфт?

—Чизе нагуфт. Чизе каси дигар, ҳамшираи шафқат гуфт, ки тасодуфан дар берун ғиреви дуятон шунида, мутаваҷҷеҳ шуда, аз сир огоҳ гаштааст. Вай ин саҳар ба ман пичиррос зад, ки... касе нафаҳмаду, Беҳзодро, хубаш, ба маркази вилоят бибар, он ҷо бехавф. Қасди додаршӯят ҳамин бошад...

—Ваҳ, мараз, кадом ҳамшира ин хел гуфт? Вой, ҳамшираи...

Бунёд алфози қабеҳ ба забон оварда, якбора аз бозуи Соҳиба дошт, сахт ба берун кашид:

—Гард, ҳозир, назди он ҳамшира!

Соҳиба муқобилат кард:

—Сар деҳ, ту чӣ ҳақ дорӣ ба ин хел дағалӣ? Ман занат не, ки...

—Ту...

—Ман янгаат. Ту хостӣ бо духтур гуфтугӯ карда, бо сӯзандоруе дарди ӯ «сабук» кунӣ. Вай бимирад, ҳавлӣ ба ихтиёрат бимонад. Ҳамин тавр? О-е, чӣ хел дилат шуд? Вой, бечора, туро ҷои падар меҳисобад! Бигӯ, то ин вақт ба рӯят кач нигарист? Сахттар нигоҳ кард? Не, дили вай нарм. Аз бозе, ки гапи ҳавлӣ баромад, ботинан ғусса хӯрд, дилкасал шуд, ҳоло дар вазнинхона.

Ту бошӣ, дар ғами зудтар... Хайр, ана, ӯ мурд. Бо ин масъала ҳал? О-о, ман зиндаку?! Балки реҷаи куштани зани бародарро ҳам кайҳо кашидаӣ?

Ба пешонаи Бунёд, ки донист сир аллакай фош шудааст, донаҳои арақ дамиданд. Ранг бурду ранг овард. Бо нафрати кушандае ба янга нигарист.

«Ҳа, келин, мебоист аввал масъалаи туро ҳал кунам...»

—Ту, ки бо даровардани марди бегона ва ҳунар бо ӯ ин ҳавлиро ҳаром кардӣ, дигар зани ҳалоли бародари ман не!

—Ҳунар бо ӯ? Чӣ кардаам? Аз худо тарс, тӯҳмат накун.

—Тӯҳмат? Ту тӯҳмат кунӣ, майлаш?.. Лекин ман тӯҳмат намекунам, худам он наҳсро пеш кардам-ку? Ана, Одамхӯр гувоҳ!

—Вай як ҳезумхару халос.

—Баҳона!!!

Бунёд овоз баланд кард ва садояш Дингоро нороҳаттар сохту вай аккос зад.

—Мешунавӣ?—хандид Бунёд,—Одамхӯр тасдиқ мекунад.

Ва заҳромез илова кард:

—Ҳайфи бародарам, ки туро зан кард, то ин рӯз зан кард. Ҳол он ки ту... ба саг ҳам ҳайф! Тавре расвоят барорам, ки аз ту саг ҳам ҳазар кунад!

—Мисле, ки аз ту ҳазар мекунад!

—Ҳой, ҷалоҷин, ман мард! Мардак ман! Лекин намегузорам, ки ту, зани бародарам...

—Ман чӣ кор кардам?

—Чӣ кор кардӣ, ба ҳама мегӯям. Худи ҳамин рӯз. Лекин ман чӣ кор кардам, ту чизе гуфта наметавонӣ, чунки... ҳаётат ҳал мешавад, мешунавӣ?

—Худо гӯ! Балки худи ту...

—Туро ба ихтиёри Одамхӯр месупорам. Мехӯрадат. Канӣ, пеш даро!

—Сар деҳ,—мегуфт Соҳиба, — дастам шикаст.

—Ҳоло ҳама ҷоят мешиканад, забонат ҳам...—ӯро зӯран ба роҳ даровара, бо панҷаҳои оҳанин бозуи нозукашро мефишурд Бунёд. Фишурда, дард баровардан мехост, вале аламаш паст намешуд. Ҳарду ба қароргоҳи саг наздик мешуданд. Динго аккос мезад, беқарор ва саргум мешуд. Ана, саҳл монд аз онҳо то он.

Рӯ ба рӯ шуданд ва Беҳзод, нафаси ҷавонзан ба рӯяш зада, чанд сония худро гум кард. Не, дар дилаш аз ҷафсӣ ба зан ҳисси шаҳват рӯ назад. Вале нафрат ва кудурат дар вай дуболо гашту хоҳише рӯ гирифт дар ботинаш, ки нақши дандон дар бадани ҷавонзан гузорад, бошад, ки бо ин тасфи аламаш андак паст фурояд. Бо азоб додан ва аз эҳсоси шармзадагии шадиду бадномӣ кардани ӯ шояд каме «таскин» ёбад.

«Дар асл кӣ аст ин ҷавонзан? Бегона!»

Фишшос зад:

—Ту маро нав қанчиқ номидӣ-а? Қанчиқӣ чӣ хел аст, як нишон диҳам?

—Кофир!!—нияти бади барордаршӯ пай бурда, ба ваҳм афтод Соҳиба,—ман келинат мешавам, зани бародарат.

—Ман ягон бародар надорам! Ту бошӣ...

—Сар деҳ, ки дод мегӯям. Беҳаё!—бошиддат гиряи ҷигарсӯз кард Соҳиба, дар ҳолате, ки часпу талош менамуд, лекин аз дастони бақуввати Бунёд, ки бадани ӯро ба худ фишурдан мехост, раҳо шуда наметавонист.

Динго дар изтироб буду саргаранг, дилреш, ҷигархун, ҳайратзада: «Хӯҷаин чӣ кор мекунад? Чӣ кор мекунад?!»

Вай ду пои пеш бардоштаву даҳон ёзонда, хӯҷаинро, ки бадҳаракатӣ мекард, чанд бор аз пироҳан кашид. Вале Бунёд дар ҳолате набуд, ки ба ҷонвар эътино кунад.

Бунёд заҳрханд мекард:

—Шояд ба ту ҳам осон набуд, келин? Шавҳар кайҳо боз бемор, дар касалхона. Лекин шарт буд аз берун одам овардан? О, ин ҷо ҳамин «паҳлавон» истода...-—масхараомез ба саг имо кард вай,—ё гапам нодуруст? — пурсид аз Динго.

«Лаънат!»—бо ҳисси нафрат ба вай нигарист саг.

—Бар падарат лаънат!—нафрин хонд Соҳиба,—ифлос!!!

—Ҳа, ман ифлос, сазовори ту ҳамин ҷонвари «ҳалол!»

Динго ирингос зад, дар чашмаш дурахш падид омад, дандон ба ҳам фишурд.

**(Давом дорад).**
**М. ШОДИЕВ.**

# Хабарҳо аз вилояти Ҷиззах

## Фестивали дӯстӣ

Дар маҷмӯи ҷавонон «Истиқлол»-и шаҳр дар мавзӯи «Ӯзбекистон маъвои умумии мо» фестивали дӯстӣ ва фарҳангӣ шуда гузашт. Дар он ҷамоаҳои бадеии марказҳои мадании тоҷикон, қазоқҳо, қирғизҳо, тоторҳо, русҳо ҳунарнамоӣ карданд. Дар рафти фестивал санъати амалии ҳунармандии ҳар як миллат низ намоиш дода шуд.

Ҳозирон аз рақсу сурудҳои халқҳои бародар, ки ҳаваскорони ҷавон бо маҳорат иҷро намуданд, завқи калон гирифтанд. Дар фестивал ба иштирокдорони фаъол тӯҳфаҳои хотиравӣ супурда шуд.

## Ғамхорӣ

Дар шаҳр барои ҳаматарафа ба камол расондани ҷавонон, соҳиби касбу ҳунар шудани онҳо кӯшиши зиёде карда мешавад. Ин буд, ки барои коллеҷи санъат бинои нави дорои тамоми қулайӣ сохта шуд. Ҳангоми ба истифода супурдани он ҳокими вилоят Убайдулло Ёмонқулов иштирок намуда, санъаткорони ояндаро бо бинои нави таҳсил табрик намуд.

Қаҳрамони Ӯзбекистон Марат Зокиров, бастакор Файзиқул Зокиров ва талабаи коллеҷ Светлана Шевчук барои ғамхорӣ нисбати ҷавонон ба роҳбарияти вилоят миннатдорӣ изҳор намуданд.

Рӯзи ба истифода супурда шудани бинои нав ба бунёдкорони он тӯҳфаҳои қиматбаҳои ҳокимияти вилоят супурда шуд. Тантанаҳо бо ҳунарнамоии иштирокчиёни маркази эҷодиёти халқи вилоят поён ёфт.

## Озмун

Дар литсейи академии шаҳр бо ташаббуси маркази эҷодиёти маданӣ-маърифатии вилоят дар мавзӯи «Дар маҳалла камол ёфтам, меҳру донишамро ба он мебахшам» озмун-азназаргузаронӣ ба амал омад. Дар он асарҳои расмии бачаҳои 6-13 сола ба ҳукми ҳозирон ҳавола карда шуд. Баробари суратҳо инчунин асарҳои кандакорӣ, зардӯзӣ, санъати амалӣ, ки бачаҳо офаридаанд, намоиш дода шуд.

Аъзоёни ҳакам ва бинандагон ба ҳунари дастаи бачаҳо баҳои баланд доданд. Аз асарҳои беҳтарини намоишгоҳ 102-тоаш ба озмун-азназаргузаронии ҷумҳурӣ тавсия карда шуд.

**М.КАРИМОВА.**

